Тақризи
мушовири илмӣ ба диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович
дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод мешавад

Таҳқиқоти диссертатсионии И.Қ. Миралиев ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, дар он робитаи давлат ва шахс дар робита бо таҷрибаи байналмлалӣ, минтақавӣ ва миллӣ таҳқиқ мешавад. Мубрамии мавзуи диссертатсия бо он муайян мешавад, ки дар таҷрибаи давлатдорӣ ва ҳаёти ҳуқуқии ҳамаи давлатҳо робитаи давлат ва шахс ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳукуқии муносибати байни ҳокимияти давлатӣ ва аҳолӣ, заминаи таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, қонуният, ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи ҷомеа, рушди устувори ҷомеа якдилона пазируфта мешавад. Робитаи давлат ва шахс нишондиҳандаи сатҳи инкишофи ҳаёти демократӣ дар ҷомеа, иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ, дар интихобот ва раъпурсӣ, дар фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мебошад. Аз сатҳи таъмини робитаи судманди давлат ва шахс амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон, иштироки фаъоли шахс дар муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ, дар намудҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ, тафсир, татбиқ, амалисозии ҳуқуқ ва ғайра) вобастагӣ дорад.

Робитаи давлат ва шахс нишон медиҳад, ки дар кишварҳои алоҳида кадом тарзҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ, ки муносибати мақомоти давлатиро бо аҳолӣ таъмин мекунанд, истифода мешаванд. Айни замон робитаи давлат ва шахс дар кишварҳои ҷудогонаи ҷаҳон бо дарназардошти шароити таърихӣ, анъанаҳои давлатдорӣ, фарҳанг, шуури ҷамъиятӣ ба роҳ монда мешавад. Дар натиҷа таҷрибаи робитаи

давлат ва шахс дар кишварҳои ҷаҳон аз ҳамдигар фарқ дорад. Аз ин хотир, дар диссертатсия робитаи давлат ва шахс дар робита бо таҷрибаи давлатҳои гуногуни ҷаҳон таҳқиқ мешавад. Таҷрибаи мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои низоми давлатӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамчунин, фарҳанг ва тамаддуни халқҳои гуногуни минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ташаккул меёбад. Бо дарназардошти раванди мазкур дар диссертатсия таҷрибаи робитаи давлат ва шахс дар минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон ҷамъбаст ва таҳлил карда мешавад.

Паҳлуҳои ҷудогонаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки бо мафҳумҳои давлат, шахс, вазъи ҳуқуқии шахс, ҳуқуқи инсон ва ҳоказо робита доранд, дар илми ҳуқуқшиносӣ дар асарҳои муҳаққиқони Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ таҳқиқ шудаанд. Асарҳои илмӣ, ки оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия нашр шудаанд, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ васеъ истифода шуда, заминаи назариявии онро ташкил доданд. Ҳамзамон бо ин, дар асарҳои илмӣ паҳлуҳои нави робитаи давлат ва шахс, ки ҳоло мубрам мебошанд, таҳқиқ нашудаанд. Ҷанбаҳои нави таҳқиқи робитаи давлат ва шахс, аз ҷумла таҳлили илмии робитаи давлат ва шахс дар алоқамандӣ бо таҷрибаи амалисозии ҳуқуқҳои инсон, дар робита бо таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон, бо дарназардошти хусусиятҳои тамаддун ва фарҳанги халқҳои гуногун дар диссертатсияи И.Қ. Миралиев мавриди таҳқиқи васеи назариявӣ, методологӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор дода мешаванд.

Бо дарназардошти мубрамияти ҷанбаҳои нави таҳқиқи робитаи давлат ва шахс, ки болотар зикр шуданд, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсинӣ, сохтори дохилӣ ва мантиқи он муайян карда мешаванд. Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили илмӣ-методологӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ-тамаддунии назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ ташкил медиҳад. Дар робита бо мақсади зикршуда як қатор

вазифаҳо гузошта шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд. Ҳамчунин, сохтори дохилии диссертатсия имконият додааст, ки бобҳо ва зербобҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар пайдарҳамии мантиқӣ, бо риояи усули илмии гузаштан аз донишҳои бештар умумӣ ба донишҳои бештар хусусӣ таҳлил карда шаванд.

Асоси назариявии диссертатсияро асарҳои илмӣ, хулосаҳо ва нуктаҳои илмии пазируфташуда ташкил медиҳанд. Дар натиҷаи таҳлили ҳаматарафаи онҳо мавқеи муаллифи диссертатсия оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия баён мегарданд. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешниҳод мешаванд, дар муқоиса бо натиҷаҳои қаблан дар илм пешниҳодшуда навгонии илмӣ доранд. Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои фалсафӣ, умумиилмӣ, махсус ва хусусӣ ташкил медиҳанд. Усулҳои илмӣ бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои диссертатсия истифода мешаванд. Илова бар ин, дар диссертатсия усули фарҳангӣ-тамаддунӣ бори аввал бо мақсади таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс истифода мешавад. Ҳамчунин, бори аввал таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи мазкур гузаронида мешавад. Усулҳои зикршуда имкон доданд, ки хусусиятҳои фарҳангӣ-тамаддунии таҷрибаи робитаи давлат ва шахс муайян карда шаванд.

Навгонии илмии диссертатсия бо нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, собит мегардад. Ин нуктаҳои илмӣ дар заминаи натиҷаҳои илмии зерин пешниҳод мешаванд.

Таҷрибаи миллии робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти шароити таърихӣ, фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон, дар заминаи таҳлили ақидаҳои мутафаккирони тоҷик оид ба робитаи инсон ва давлат таҳқиқ мешавад. Хулоса пешниҳод мешавад, ки дар асарҳои мутафаккирони тоҷик бештар унсурҳои фарҳангӣ-тамаддунии робитаи давлат ва шахс, аз ҷумла паҳлуҳои гуманитарии он инкишоф ёфтаанд. Хулосаи мазкур бо далелҳои таърихӣ ва

назариявӣ, аз ҷумла дар заминаи ақидаҳои мутафаккирони тоҷик оид ба арзиши баланди инсон, мақому манзалати инсон дар ҳаёти ҷомеа, робитаи инсондӯстонаи ҳокимиятдорон ба инсон исбот карда мешавад. Таҷрибаи миллии робитаи давлат ва шахс дар ҷараёни муқоиса бо таҷрибаи давлатҳои ғарбӣ таҳлил мешавад.

Қонуниятҳои умумӣ ва самтҳои ташаккул ва инкишофи таҷрибаи миллии робитаи давлат ва шахс ҳамчун ҷузъи таҷрибаи давлатдориҳои миллӣ муайян карда мешаванд. Хусусиятҳои таҷрибаи миллии робитаи давлат ва шахс дар робита бо заминаҳои бунёдии гуманитарӣ, фарҳангӣ ва тамаддунии он, назарияи давлати адолатпеша, консепсияи миллии адолат, ғояи арзиши баланди инсон дар ҷомеа муайян карда мешаванд.

Самтҳои нави инкишофи таҷрибаи давлатҳои Ғарб, аз ҷумла ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ, паҳн шудани тамаддуни ғарбӣ дар дигар минтақаҳо, тарғиби назарияҳои ғарбӣ оид ба ҳуқуқи инсон, робитаи давлат ва шахс, идеологияи ғарбгароёна, ташвиқоти амалияи сиёсӣ ва ҳуқуқии давлатҳои ғарбӣ, аз он ҷумла санадҳои ҳуқуқии Аврупо ва ИМА оид ба ҳуқуқи инсон, паҳн гардидани назарияи ғарбии либералӣ, меъёрҳои нави ғарбии ахлоқӣ-маънавӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар намудани анъанаҳои миллӣ таҳқиқ мешаванд.

Омилҳое, ки робитаи одилонаи шахсро бо давлат дар таҷрибаи давлатҳо халалдор менамоянд, аз ҷумла ҷаҳонишавӣ, бартарии манфиатҳои давлатҳои абарқудрат, ташкили инқилобҳои ранга, ягонасозии тамаддун муайян карда мешаванд. Равандҳои нав, ки ба робитаи давлат ва шахс дар таҷрибаи ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд, ба мисли ногузирии ҳимояи истиқлолияти миллии кишварҳои тараққикунанда, муқобилияти онҳо ба идеологияи ғарбгарой, ташаккули таҷрибаи давлатҳои миллӣ, афзалияти арзишҳои миллии ахлоқию маънавӣ, афзалияти манфиатҳои минтақавии халқу миллатҳо таҳқиқ мешаванд.

Назарияҳои гуногун оид ба робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти шароити таърихӣ, тамаддун, фарҳанг, шуури ҷамъиятӣ, арзишҳои фарҳангӣ-маънавӣ, аз ҷумла назарияҳои позитивистӣ, фитрӣ, фалсафӣ, либертарӣ ва ғайра таҳқиқ мешаванд. Робитаи давлат ва шахс тибқи назарияи давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ, аз ҷумла бо дарназардошти робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон таҳлил гардида, гуногунии назарияҳои давлати ҳуқуқбунёд ва шартҳои истифодаи онҳо дар Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Хулоса пешниҳод мешавад, ки назарияи робитаи давлат ва шахс дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳангӣ-тамаддунии онҳо татбиқ мешавад. Муаллиф бо далелҳо исбот мекунад, ки назарияи универсалии (ҳамагонии) робитаи давлат ва шахс вуҷуд дошта наметавонад. Роҳҳои амалӣ гардидани назарияи миллии робитаи давлат ва инсон дар Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Аҳаммияти таҳлили категорияи илмии «робитаи давлат ва шахс» дар иртибот бо таҳқиқи маҷмуи масъалаҳои назариявӣ муайян карда мешаванд. Тағйири мазмуни назарияи робитаи давлат ва шахс дар шароити ҷаҳонишавӣ ба инобат гирифта мешавад. Назарияи миллии робитаи давлат ва шахс дар алоқамандӣ бо соҳибихтиёрӣ, манфиатҳои миллӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ мешавад. Унсурҳои таркибии назарияи мазкур таҳлил карда мешаванд.

Самтҳои асосии робитаи давлат ва шахс дар давлати иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба унсурҳои миллии давлати иҷтимоӣ, ки ба робитаи давлат ва шахс таъсир мерасонанд, дода мешавад. Роҳҳои таъмини робитаи давлат ва шахс дар шароити инкишофи муносибатҳои нави иқтисодӣ ва дар робита бо сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Сабабҳои асосии қабули санадҳои ҳуқуқии гуногуни байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқи инсон муайян карда мешаванд. Сабабҳои мазкур бо

дарназардошти равандҳои нави ҷаҳони мутамаддин, аз ҷумла ихтилофоти тамаддунӣ ва фарангӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ, мазмуни сиёсӣ ва идеологӣ пайдо намудани ҳуқуқи инсон, паҳн гардидани идеологияи неолибералӣ, халалдор гардидани арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, оилавӣ, фарҳангӣ муайян карда мешаванд.

Таҷрибаи қитъаи Аврупо дар самти ҳуқуқи инсон бо дарназардошти назарияҳои позитивӣ, фитрӣ-ҳуқуқӣ, антропологӣ, либералӣ ва ғайра, санадҳои соҳаи ҳуқуқи инсон дар мамлакатҳои алоҳидаи аврупоӣ ва дар доираи Иттиҳоди Аврупо таҳлил мешавад. Хусусиятҳои таҷрибаи аврупоӣ дар робита бо саҳми кишварҳои Аврупо дар таъсиси созмонҳои соҳаи ҳуқуқи инсон, тарҳрезии стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, дар пешбурди сиёсати ҷаҳонишавӣ, фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ муайян карда мешаванд. Ба ташаккули хусусиятҳои англосаксонӣ, аврупоӣ-амрикоӣ, атлантикии таҷрибаи байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳ дода мешавад. Равандҳое, ки ташаккул ва паҳн гардидани таҷрибаи ягонаи ҷаҳонии ҳуқуқи инсонро халалдор мекунанд, таҳлил мешаванд. Таҷрибаи амрикоӣ-аврупоии соҳаи ҳуқуқи инсон дар робита бо нуфузи давлатҳои абарқудрат таҳқиқ мешавад. Хулоса пешниҳод мешавад, ки таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон шартан «аврупоӣ» мебошад, чунки он бо ҳудуди ин минтақа маҳдуд намешавад. Хулосаи мазкур дар робита бо фаъолияти сохторҳои ҳукуматӣ, парлумонӣ, ғайриҳукуматии Аврупо асоснок карда мешавад.

Хусусиятҳои таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ бо дарназардошти унсурҳои фарҳангӣ, тамаддунӣ, сиёсии он, усулҳои махсуси дарки ҳуқуқи инсон, болоравии ҳисси худшиносӣ, махсусияти тамаддунию фарҳангӣ, ҳифзи соҳибихтиёрӣ, амали санадҳои минтақавии ҳуқуқи инсон, самти миллӣ ва минтақавии он, фаъолияти созмонҳои минтақавии соҳаи ҳуқуқхои инсон муайян карда мешаванд. Хулоса

пешниҳод мешавад, ки дар механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон нақши муҳимро Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мебозад. Самтҳои асосии ташаккул ва такмили таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон дар Амрикои Лотинӣ бо дарназардошти мустақилияти он, таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо, ихтилофоти фарҳангӣ муайян карда мешаванд.

Хусусиятҳои таҷрибаи соҳаи ҳуқуқи инсон дар минтақаи Африқо бо назардошти омилҳои фарҳангиву тамаддунӣ, аз ҷумла дарки иҷтимоӣ ва анъанавии ҳуқуқи инсон, нуфузи меъёрҳои анъанавӣ, инкишофи низоми ҳуқуқии анъанавӣ, рушди қонунгузории миллӣ, ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ, бартарии ҳуқуқҳои коллективӣ дар санадҳои африқоии ҳуқуқи инсон муайян карда мешаванд. Хусусиятҳои таснифи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқҳои халқҳои Африқо, ҳуқуқҳои коллективии халқҳои африқоӣ, ҳуқуқҳои шахсӣ муайян карда мешаванд

Омилҳое, ки боиси қабули санадҳои давлатҳои исломӣ оид ба ҳуқуқи инсон гардидаанд, муайян карда мешаванд. Тарзҳои ифодаи ҳуқуқи инсон дар санадҳои исломӣ, кафолатҳои ҳуқуқҳои шахсӣ, аз он ҷумла ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил, дастгирии моддӣ, ҷисмонӣ ва маънавӣ, анъанаҳои тамаддуни исломӣ дар соҳаи тарбияи кӯдакон, ҳуқуқҳои модар ва зани ҳомилалор, арзишҳои ахлоқӣ таҳқиқ мешаванд. Мухолифати назарияҳои ғарбӣ ва исломии ҳуқуқи инсон дар робита бо равандҳои ташаккули назарияҳои ғарбии ҳуқуқи инсон дар тамаддуни насронӣ, назарияҳои ғарбии динӣ, либералӣ, консепсияи неопротестантии ҳуқуқи инсон, ҷаҳонишавии неолибералӣ, назарияҳои ғарбии ҳуқуқи инсон муайян карда мешавад.

Асосҳои ҳуқуқӣ ва методии таълими ҳуқуқи инсон бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, барномаҳои таълимии байналмилалӣ, дастурҳои методӣ, васоити таълимӣ, китобҳо ва нашрияҳои дигар дар ин соҳа таҳқиқ мешаванд.

Назарияи миллии робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад. Он шароити таърихӣ, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангӣ, анъанаҳои миллиро инъикос мекунад. Роҳҳои амалӣ намудани назарияи мазкур, аз ҷумла дар иртибот бо арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ, анъанаҳои миллӣ, ҳадафҳои рушди миллӣ, манфиатҳои миллӣ муайян карда мешаванд.

Дар хулосаи диссертатсия таклифҳои назариявӣ ва амалии муаллиф бо мақсади таҳқиқоти минбаъдаи робитаи давлат ва шахс, такмили амалияи ҳуқуқӣ дар ин соҳа пешниҳод мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои омӯзиши илмии ҷанбаҳои нави робитаи давлат ва шахс дар шароити тағйир ва такмили самтҳои маъмулӣ ва нави таҳқиқоти илмӣ, такмили таҷрибаи миллӣ дар соҳаи робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи такмили мунтазами механизми таъмини ҳуқуқҳои инсон, такмили фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқ, тафсири ҳуқуқ, мақомоти гуногуни давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ҳамчунин, такмили раванди таълими ҳуқуқӣ, аз он ҷумла таълими ҳуқуқи инсон бо дарназардошти ҷаҳонишавӣ, хатарҳои ҷаҳонӣ, таъсири имконпазири назарияҳои хориҷӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни робитаи давлат ва шахс, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, таҷрибаи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ. маълумоти таърихӣ ва оморӣ, муайян карда мешавад.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат дорад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳо, интишороти илмии

муаллиф, ки дар шакли мақолаҳо ва монографияи илмӣ омода гардида, дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванадаи тавсиянамудаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашриёҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин, бо маърузаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун тасдиқ карда мешавад.

Оид ба муҳтавои диссертатсия 2 монография, 2 китоби дарсӣ, 6 воситаи таълимӣ, 35 мақоли илмӣ, аз он ҷумла 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 16 мақола дар дигар нашриёҳо чоп карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, мутобиқат дорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи: «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда мешавад.

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарофзода Р.Ш.

Имзои Р.Ш. Шарофзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

«11» октябри 2023